## 12370 - Ҳукми сухани "Дар дин ҳаё нест".

**савол**

Бархе аз мардум вақте мехоҳанд дар мавриди чизи хиҷолатовар бипурсанд, дар оғози савол мегӯянд: "**Дар дин ҳаё нест".** Оё ин сухан дуруст аст?

**Ҷавоби муфассал**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Ибораи **"Дар дин ҳаё нест"** хато аст, балки ҳаё аз дин аст. Дурусттараш ин аст, ки масалан бигӯяд, ки Аллоҳ аз ҳақ шарм намедорад, чуноне ки дар ҳадиси Умми Салама омадааст, ки ӯ мегӯяд: Умми Салим назди расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) омада гуфт: Эй расулуллоҳ! Аллоҳ аз ҳақ шарму ҳаё намекунад. Агар зан эҳтилом шавад, ғусл бар ӯ воҷиб мегардад? Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармуд: **«Бале, агар об (нутфа) бубинад».** Умми Салама рӯяшро пӯшида, гуфт: Эй расулуллоҳ! Магар зан ҳам эҳтилом мешавад? Фармуд: **«Бале, дастат хоколуда шавад. Вагарна чигуна фарзанд ба модараш монандӣ пайдо мекунад».** Ривояти Бухорӣ ва Муслим.